# ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич дар мавзӯи «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.– Адабиёти форсӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи номзадии Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич ба таҳлилу баррасии фаъолияти илмӣ-адабии яке аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабиёти муосири Эрон ва аз пайравони мактаби Нимо, Меҳдӣ Ахавони Солис ихтисос дорад. Тавре ки маълум аст, нақши чашмгиру бузурги Нимо Юшиҷ хориҷ шудан аз чаҳорчӯби куҳани қолабиву шахшудаи шеъри классикӣ буд, ки пас аз муддати тӯлонӣ таҳаввули бунёдиеро дар шаклу сохтори шеър ба вуҷуд овард. Худ Нимо Юшиҷ бо ин гоми тозаи худ дар ҷомеаи адабӣ-фарҳангии Эрон ҳамчун шоири «нововар, раҳкушо, падари шеъри нав» шинохта шуд. Аксари пажӯҳандагони адабиёт дар саросари олам ӯро ҳамчун шоири соҳибмактабу соҳибсабк мешиносанд. Мактабе, ки мавсуф бунён гузошт дар парвариши насли бузурге аз шоирону адибони боистеъдоду нововар саҳми боризе дошт. Намояндагони ин мактаб баъдан ҳар яке тавонистанд дар майдони адабиёт роҳу тариқи хоси худро пайдо намоянд. Дар оғоз на ҳама пайравони Нимо ба андозаи кофӣ ба моҳияту сиришт ва чигунагии равиши кори ӯ пай бурда буданд. Дар ин миён чанд нафаре аз онҳо фалсафаи кори Ниморо дарк карда, дар заминаи шеъри нав ба пешрафтҳои чашмрасе ноил омаданд ва ҷараёнҳои тозаи шеъриро ба вуҷуд оварданд. Гурӯҳе бо эҳсоси ин ки шеъри Нимо бояд маърифату шинохта шавад, ба тафсиру шарҳи асосҳои он пардохтанд, зеро Нимо дар баёну изҳори матлаби худ чи назариву чи бадеӣ, ағлаб душворфаҳм буд, ки сабабу заминаҳои хосе дошт. Яке аз пешгомони ин мактаб М.А.Солис мебошад, ки дар адабиётшиносии тоҷик, то кунун зиндагиву фаъолияти эҷодӣ ва дидгоҳҳои илмӣ-пажӯҳишиаш ба гунаи лозим таҳқиқу баррасӣ нашудааст.

Саҳми М. А. Солис дар рушду камоли шеъри нав, идомати кори Нимо, решадор шудани ҷараёни навпардозиву нововарӣ бисёр аҳамиятнок аст. Навпардозиҳои ӯ дар бистари шеъри нав пуршуморанд, ки дар адабиёти пажӯҳишӣ бо онҳо ишорат зиёд шуда, вале аз сӯйи дигар М. А. Солис дар радифи шоирӣ корҳои илмӣ-пажӯҳишии арзишманде аз худ ба ёдгор гузошта, ки то ба имрӯз мавриди таҳқиқу баррасии дақиқ қарор нагирифтаанд. Бо назардошти ин маворид дар диссертатсия мақсади аслӣ ба баррасии дидгоҳҳои назарӣ илмии шоир равона шудааст. Муҳиммияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки барои аввалин бор назару ақидаҳои М.А.Солис дар заминаи нимошиносӣ ва мактаби Нимо дар доираи таҳқиқи алоҳида мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ боз дар он зоҳир мешавад, ки омӯзишу баррасии андешаҳои илмӣ пажӯҳишии ӯ дар робита ба шеъру ҷойгоҳи шеър дар зиндагии башарӣ метавонад дар шинохти ҷараёнҳои шеъри имрӯз муассир бошад.

Дар адабиётшиносии имрӯзи Эрон М.А.Солисро ҳамчун шоири навпардозу навгаро ва ноқиди нуктасанҷи адабиёт ва нимошинос шинохтаанд. Мақсади аслии таҳқиқ бар мабнои диссерататсия, аз баррасии масири зиндагӣ ва муҳимтарин шохисҳои эҷодиёти М.А.Солис иборат аст. Ҳамзамон таҳлилу арзёбии дидгоҳҳои илмӣ-назарӣ ва пажӯҳишии шоир сурат гирифтааст. Барои амали гаштани ин мақсад корҳои зерин анҷом шудааст: баррасии ҷараёни ҳаёт ва давраҳои такомулу инкишофи эҷодӣ; арзёбии маҷмӯаҳои нахустини ашъор ва маърифати ҷанбаҳо ва заминаҳои навпардозӣ дар ашъори шоир; нақши М.А. Солис дар инкишофу пешрафти шеъри сиёсӣ-иҷтимоии замон; таҳқиқи маҷмӯаҳои ашъори М.А.Солис аз нигоҳи сохтор ва дарунмояҳои шеърӣ; арзёбии хусусиятҳои ҳунарӣ, ҷанбаҳои ривоятии ашъори шоир; баррасии осори илмӣ-пажӯҳишии М.А.Солис дар заминаи нимошиносӣ ва масоили таҷаддуду навпардозӣ; таҳқиқи масоили таъсирпазирӣ дар сабку баёни Солис; баррасии дидгоҳҳои М.А. Солис перомуни шеъри классик ва шоирони бузурги адабиёти пешин; таъйини ҷойгоҳи М.А. Солис дар омӯзишу маърифати мактаби Нимо ва шохисҳои шеъри нав.

Диссертатсияи мазкур метавонад аз чанд нигоҳ қобили мулоҳиза ва нав бошад. Нахустин ҷанбае, ки ба навгонии он далолат мекунад, набудани таҳқиқи ҷудогона дар мавриди дидгоҳҳои илмӣ-пажӯҳишии шоир аст. Аз сӯйи дигар дар адабиётшиносии тоҷик барои аввалин бор ҳаёт ва эҷодиёти яке аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти муосири Эрон М.А.Солис мавриди омӯзишу таҳқиқи диссертатсияи алоҳида қарор мегирад.

Диссертант талош ба харҷ дода, то ашъори М.А. Солисро аз нигоҳи сохтору дарунмояҳои шеърӣ, ҷанбаҳои ҳамосиву ривоятӣ ва дигар хусусиятҳои поэтикӣ, гурӯҳбандӣ намуда, нақши ӯро дар заминаи инкишофу такомули шеъри муосир ва эҷоди ашъори навпардозона нишон диҳад. Гузашта аз ин тозагии дигаре, ки қобили мулоҳиза аст, шинохту маърифати дидгоҳҳои илмӣ-назарӣ ва эстетикии шоир аст, ки дар мусоҳибаву нишастҳои адабӣ, мақолоти ҷудогонаи илмӣ-пажӯҳишӣ, китобҳои ҷудогона ба нашр расидаанд. Ақидаву назариёти шоир махсусан барои дарку фаҳмиши сабку вижагиҳои ҳунарии шеъри Нимо ва дар маҷмӯъ масъалаи таҷаддуду навоварӣ дар шеър ниҳоят судманданд. Навигарии дигаре, ки лозим ба зикр аст, арзёбии осори пажӯҳишии М.А. Солис дар шинохту маърифати бузургтарин намояндагони адабиёти классик ва сабку шеваи онҳо мебошад, ки намунааш назариёти ӯ роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хисрав, Ҳофизи Шерозӣ, Низомии Ганҷавӣ ва ғ. мебошад.

Диссертатсияи Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич аз назари сохтор ва бандубаст дорои муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, аз лиҳози фарогирии масъалаҳо ва сохтори илмӣ мунсаҷим аст.

Боби аввали диссертатсия зери унвони «Зиндагӣ ва осори М.А. Солис» аз чаҳор зерфасл иборат буда, ба таҳлилу арзёбии давраҳои зиндагии шоир ташаккули эҷодии ӯ ва равшанандозӣ атрофи саҳифаҳои номаълуми фаъолияти ӯ бахшида шудааст.

Дар боби аввал ва зерфаслҳои он перомуни зиндагинома, масири камолу болpoints, ҷаҳонбинӣ ва ҳуввиятпазирӣ, мероси илмӣ- адабӣ, фаъолияти шоирии Ҳусейн Воизи Кошифӣ сухан рафтааст.

Боби дувуми рисола таҳти унвони «Баррасии андешаҳои илмӣ-назарии М. А. Солис» ба таҳлилу арзёбии мероси илмӣ-назарии М.А.Солис бахшида шудааст. М.А.Солис дар мақолоту китобҳое, ки дар заминаи нимошиносӣ таълиф намуда, бо факту далелҳо қонунмандии пажӯҳишу ибтикороти Ниморо дар иртибот бо таҷаддуди шеъри форсӣ собит намуда, мухолифони сабки вайро муътақид сохта, ки ин навовариву тозакориҳо беасос набуда ниёзи мубрами сабки фардии ӯ мебошанд, ки аз умқи адабиёти форсиву тоҷикӣ саршачма мегиранд.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври васеъ натиҷаҳои пажӯҳишҳои анҷомдодаи муҳаққиқ баён гардидаанд. Рӯйхати адабиёт ҷавобгӯйи меъёрҳои мавҷуд аст.

Автореферети диссертатсия ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну мундариҷаи комили диссертатсияанд.

Бо назардошти муҳиммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариву амалии диссертатсия, комиссия ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи номзадии Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич кори анҷомёфта буда, ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи доктории Муродов Ҷӯрабек Қурбоналиевич дар мавзӯи «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти форсӣ мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти форсӣ, мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Солеҳов Шамсиддин-**доктори илмҳои филология, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ
2. **Шамсов Нурмад Сироҷиддинович**-номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДЗТба номи С.Улуғзода

Ба ҳайси **муассисаи тақриздиҳанда** Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод мешавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани **автореферати диссертатсия** дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи **автореферати диссертатсия** бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат додан мумкин аст.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ Р.Раҳмонов

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ А.Абдусатторов

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ М.Нарзиқулов